Бо қарори Шӯрои нозирони Хазина
аз "12" декабри соли 2019, №19
**"тасдиқ шудааст"**

Тағйиру иловаҳо бо қарори
Шӯрои нозирони Хазинаи
суғуртаи амонату пасандозҳои
Тоҷикистон
аз "19" июни соли 2023, №11
"тасдиқ шудааст"

# Методикаи баҳодиҳии андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон

## 1. Муқаррароти умумӣ

1. Методикаи мазкур усулҳои баҳодиҳии андозаи ҳадди ақали (минималии) кифоятии маблағҳои (захираҳои) Хазинаи суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистонро (минбаъд – Хазина), ки барои пӯшонидани касри Хазина ҳангоми бавуҷудоии он зарур аст, муайян менамояд.

2. Баҳодиҳӣ ва муайян намудани сатҳи ҳадди ақали кифоятии маблағҳои Хазина бо мақсади таъмини устувории молиявии Хазина ҳангоми иҷрои ваколат ва уҳдадориҳои худ дар назди пасандоздорон, аз ҷумла пардохти ҷубронпулии суғуртавӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ - узви низоми суғуртаи амонату пасандозҳои Тоҷикистон, ба роҳ монда мешавад.

3. Методикаи мазкур баҳодиҳии андозаи ҳадди ақал талабшавандаи захираҳои Хазинаро дар асоси усулҳое, ки вазъи интизоршаванда ва/ё ғайричашмдошти сенарияи муқаррарӣ ва/ё номусоид бе назардошти эҳтимолияти хавфи системавии низоми бонкӣ, инчунин сенарияи бадтарини эҳтимолияти сар задани буҳрони системавиро ба инобат мегирад, арзёбӣ менамояд.

4. Бо дарназардошти он, ки маблағҳои Хазина маъмулан бояд танҳо дар мавриди буҳронҳои нисбатан хурд ва маҳдуд кифоятӣ дошта бошанд, ҳангоми мавҷудияти ҳолати таҷамуъи (консентратсияи) баланд дар низоми бонкӣ, ки қисмати зиёди амонатҳо ба якчанд бонки калон ё худ системавӣ рост меояд, муфлисшавии чунин бонкҳо метавонад боиси талаф шудан ва ба итмом расидани кулли маблағҳои Хазина гардад.

Бинобар ин, ҳангоми арзёбии андозаи ҳадди ақали захираҳои Хазина, пеш аз ҳама ҳолате дар назар дошта мешавад, ки дар он эҳтимолияти хавфи системавӣ вуҷуд надошта бошад. Бо вуҷуди ин, ҳангоми гузаронидани баҳодиҳии эҳтимолияти норасоии маблағҳои Хазина, дар алоҳидагӣ ноустувории эҳтимолии бонкҳои калонро низ ба назар гирифтан муҳим аст, зеро ҳамаи иштирокчиёни низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва низоми нигоҳдории суботи молиявӣ (“financial safety net”) бояд дар ҳалли вазъи мушкилии хусусияти системавӣ дошта саҳмгузор бошанд.

5. Дар методикаи мазкур мафҳумҳои зерин истифода мешаванд:

- **ҷубронпулии суғурта** – маблағе, ки мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи суғуртаи амонату пасандозҳо" пасандоздор ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ ба гирифтани он ҳуқуқ дорад;

- **маблағи Хазина** – пардохтҳои ташкилотҳои қарзӣ, даромад аз сармоягузорӣ, маблағе, ки аз Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарз гирифта шудааст, маблағҳое, ки дар раванди барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ бозпас гирифта шудаанд, дигар маблағҳое, ки қонун манъ накардааст;

- **касри Хазина** – нокифоя будани маблағҳои Хазина барои пардохти ҷубронпулии суғурта ба пасандоздорон;

- **маблағе, ки барои пардохти ҷубронпулии суғурта зарур аст** – андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина;

- **андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина** – ҳадди ақали кофии маблағҳо, ки ба сифати маблағи буферӣ барои нигоҳдории эътимоди аҳолӣ ба низоми суғуртаи амонату пасандозҳо ва иҷрои уҳдадориҳои Хазина дар назди пасандоздорон ҳангоми фаро расидани ҳолати суғуртавӣ баромад намуда, агар маблағҳои Хазина аз андозаи муайяншудаи ҳадди ақал камтар бошад, дар ин сурат комилан ҳолати касри Хазина ба вуҷуд меояд;

- **захираи устуворӣ/бехатарӣ (пардохтпазирӣ)** – барзиёдии андозаи воқеии маблағи Хазина аз нишондиҳандаи ҳадди ақали назоратӣ, ки дар асоси таҳлили тахассусии хавфҳо баҳо дода мешавад;

- **ҳолати суғуртавӣ** - барҳамдиҳии маҷбурии ташкилоти қарзӣ тибқи қарори суд бе ё бо асосҳои муфлисшавӣ мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи барҳамдиҳии ташкилотҳои қарзӣ", ки сабаби ба вуҷуд омадани уҳдадории Хазина оид ба ҷуброни пули суғурта ба пасандоздорони ташкилоти қарзии муфлисшуда мегардад.

## 2. Усулҳои муайян намудани сатҳи ҳадди ақали кифоятии маблағҳои Хазина

6. Усули зерин андозаи ҳадди ақали кифоятии маблағҳои Хазинаро дар асоси усули дискретсионии тақсимоти талафот (яъне пардохти ҷубронпулии суғуртавӣ), аз ҷумла талафоти сатҳи муътадил ё миёнаи Хазина дар шароити фаъолияти муътадили низом ва/ё талафоти ғайричашмдошти Хазинаро дар ҳолати бӯҳронӣ муайян менамояд, ки истифодаи маълумотро аз давраи таърихии ҳолатҳои қаблии муфлисшавӣ ва пардохтҳои дахлдори ҷубронпулии суғуртавии Хазина ба пасандоздорони ташкилотҳои қарзии хурд ва миёна пешбинӣ менамояд.

7. Дар доираи ин усул ҳисоби тақсимоти талафоти давраи бӯҳронӣ дар давоми муддати тӯлонии таърихӣ гузаронида мешавад. Таърихи муфлисшавиҳо нишон медиҳад, ки мушкилиҳо дар низоми молиявӣ асосан дар як вақти кӯтоҳи мутамарказ ба вуқуъ омада, пас аз он хати рости (каҷхаттаи) танҳо якчанд ҳолати муфлисшавӣ ё ин ки умуман набудани чунин ҳолатҳо дар муддати тӯлонии вақт мушоҳида мегардад. Усули васеъ истифодабарандаи тақсимоти талафотро барои талафоти умумии солона метавон бо роҳи математикӣ чунин ҳисоб кард:

$$Z = \sum_{j=1}^{J} Z_{t(j)} \qquad (1)$$

ки дар инҷо, Z - талафоти умумии солонаи Хазина; t = 1, 2, ... - давраи дискретӣ бо ифодаи солона.

Усуле, ки аз таърихи муфлисшавиҳо моҳият мегирад, асосан ба арзёбии талафоти умумии Хазина дар чунин давраҳои номусоид ва давомнокии бӯҳрон, шумораи муфлисшавӣ, миқёси талафот ва андозаи ҷубронпулӣ барои амонату пасандозҳои суғурташуда нигаронида шудааст.

8. Дар доираи усули мазкур бо назардошти рушд ва тағйироти сохторӣ дар низоми молиявӣ, интерполятсияи ҳолатҳои бадтарини давраи таърихӣ гузаронида мешавад. Бо истифода аз маълумоти давраҳои гузашта тамоюлҳои умумии (бузургиҳои ҳадди ақал/ҳадди аксар ва миёна) талафоти ҳар як давраи алоҳидаи таърихи муфлисшавӣ тасниф карда мешаванд:

$$Z_t = \text{ave, min, max}\left[\sum_{j=1}^{J} Z_t^{(j)}\right] \quad (2)$$

9. Бо роҳи интерполятсияи тамоюлҳои умумӣ, бо назардошти сатҳи иловагии тахминии захираи бехатарӣ ($M_s$) ҳосили ҳадди ақали талабшаванда аз таърихи муфлисшавӣ муайян карда мешавад:

$$R_{min} = Z_t + M_s \quad (3)$$

10. Ҳангоми ҳисоб кардани сатҳи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина, бояд ки тағйироти андозаи ҷубронпулии суғуртаро дар ин ё он давраи ҳолати суғуртавӣ дар ташкилотҳои қарзӣ ба назар гирифт. Дар ҳолати ҷой доштани тағйирёбӣ ё зиёдшавии андозаи ҷубронпулии суғурта, коэффитсиенти андозаи уҳдадориҳои потенсиалии Хазина ($L_R$) дар давраи ҷорӣ нисбат ба арзиши миёнаи уҳдадориҳои потенсиалии давраҳои гузашта ҳисоб карда мешавад ($L_{t-1}$):

$$L_R = \frac{L_t}{\frac{1}{n}\sum_{i=1}^{n} L_{t-1}} \quad (4)$$

11. Ҳамин тариқ, дар асоси усули дискретсионӣ баҳодиҳии сатҳи ҳадди ақали кифоятии маблағи Хазина бо роҳи зарби коэффитсиенти уҳдадориҳои потенсиалӣ ба андозаи муайяншудаи талафот аз таърихи муфлисшавӣ ($R_{min}$), инчунин хароҷоти ҷории амалиётии Хазина (ε) гузаронида мешавад:

$$RDIF_{min} = R_{min} * L_R + \varepsilon \quad (5)$$

12. Ғайр аз ин, баҳогузории буферҳои захиравии минималӣ бо усули стандартии таҳлили эҳтимолияти муфлисшавӣ дар асоси арзёбии рейтинги кредитӣ дар ҳолати ташкилотҳои қарзии хурд ва миёна ҳамчун захираи иловагии бехатарӣ ба баробарии (5) гузаронида мешавад.

Бояд қайд намуд, ки набудан ё мушкилии дастрасии чунин маълумоти эътиборнок, барои истифодаи усули арзёбии рейтинги кредитӣ ҷиҳати баҳодиҳии буфери (маблағи) ҳадди ақали лозимии Хазина имкон намедиҳад. Аз ин рӯ, ба сифати прокси (ҷойивазкунанда) ба маълумоти дастраснабудаи рейтингӣ усуле истифода мешавад, ки он дар асоси рейтинги назорати дохилӣ (CAMELS) ва дигар

нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ асос ёфтааст.

13. Бо усули мазкур ҳар як ташкилоти қарзии алоҳида (ташкилотҳои амонатии қарзии хурд, бонкҳои хурд ва миёна) аз рӯи панҷ нишондиҳандаи низоми CAMELS, яъне аз рӯи дараҷаи кифоятии сармоя (C), сифати доройӣ (A), даромаднокӣ (E), пардохтпазирӣ (L) ва ҳассосият ба хавфи бозорӣ (S) баҳо дода мешавад. Дараҷаи эҳтимолияти муфлисшавӣ ($p$) барои ҳар як омил вобаста ба таҳлили тамоюлҳои нишондиҳандаҳои устувории молиявӣ ва иҷроиши меъёрҳои танзимкунанда аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ, дар миқёси аз 0 то 5 (бо фоиз) арзёбӣ карда мешавад. Дар баробари ин, рейтинги баробар ба сифр ҳамчун беҳтарин ва баробар ба панҷ бошад бадтарин дониста мешавад. Дар шакли ҷадвалӣ он ба таври зерин оварда мешавад:

| | | **Ташкилотҳои қарзӣ** | | | | | **Эҳтимолияти муфлисшавӣ** | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | Бонк 1 | Бонк 2 | Бонк 3 | Бонк 4 | | p0 % | p1 % | p2 % | p3 % | p4 % | p5 % |
| 1. | C - Сармоя | | | | | | | | | | | |
| 2. | A - Дороиҳо | | | | | | | | | | | |
| 3. | E – Даромадноки | | | | | | | | | | | |
| 4. | L – Пардохтпазирӣ | | | | | | | | | | | |
| 5. | S – Ҳассосият | | | | | | | | | | | |

14. Бо истифода аз баҳодиҳии ҷадвали дар боло овардашуда, барои муайян намудани захираи иловагии ҳадди ақали бехатарии Хазина ҳиссаҳои таркибии хавф тариқи зарб задани коэффитсиенти эҳтимолияти муфлисшавӣ ба уҳдадориҳои потенсиалии Хазина дар назди ташкилоти қарзӣ, ҳисоб карда мешаванд. Ҷамъи ҳосили коэффитсиенти эҳтимолияти муфлисшавӣ ва уҳдадории потенсиалӣ ($C_{PD}$) барои ҳар як ташкилоти қарзӣ тибқи формулаи зерин ҳосил карда мешавад:

$$C_{PD} = \sum_{i=0}^{n} \prod_{k=1}^{n} p_k BL^j \qquad (6)$$

дар инҷо, $p$ - эҳтимолияти муфлисшавии ташкилоти қарзӣ; $BL$ - уҳдадориҳои потенсиалии Хазина дар назди ташкилоти қарзӣ.

15. Дар натиҷа, бо истифодаи усули баҳодиҳии эҳтимолияти муфлисшавӣ дар асоси рейтинги назорати дохилӣ (CAMELS) ва дигар нишондиҳандаҳои устувории молиявии ташкилотҳои қарзӣ, сатҳи

воқеии ҳадди ақали кифоятии маблағҳои (буфери) Хазина барои ташкилотҳои қарзии хурд ва миёна ($RDIFR_{min}$) ҳисоб карда мешавад:

$$RDIFR_{min} = RDIF_{min} + C_{PD} \quad (7)$$

16. Барои баҳодиҳии сатҳи ҳадди ақали кифоятии маблағҳои Хазина дар шароити бӯҳрони системавӣ, истифодаи усуле, ки дар бандҳои 11-14 методикаи мазкур шарҳ дода шудааст, аммо дар асоси таҳлили эҳтимолияти муфлисшавӣ ҳангоми муайян кардани захираи иловагии бехатарӣ барои бонкҳои калон ва низомташкилкунанда ба роҳ монда мешавад.

### 3. Баҳодиҳии тахассусӣ (экспертӣ)

17. Вобаста аз андозаи ҳисобкардашудаи ҳадди ақали кифоятии маблағҳои Хазина мувофиқи баробарии (7), тақсимоти байни гурӯҳҳои гуногуни ташкилотҳои қарзӣ бо эҳтимолияти пардохти ҷории ҷубронпулии суғурта, баҳодиҳии экспертии ҳадди аққали маблаға Хазина истифода мешавад.

18. Дар мисоли ҷадвалҳои зерин, шумори дилхоҳи ТАҚХ-и хурду миёна ва бонкҳоро дар мавриди дар як вақт пардохтани ҷубронпулии суғурта метавон гуруҳбандӣ намуд:

| Агар $RDIFR_{min}$ = 50 млн. | ТАҚХ хурд (26) | ТАҚХ миёна (2) | ТАҚХ калон (1) | Бонкҳои хурд (6) | Бонкҳои миёна (4) |
|---|---|---|---|---|---|
| Сенарияи 1 | Ҳама | (1) | – | Ҳама | – |
| Сенарияи 2 | – | – | – | – | Ҳама |
| Сенарияи 3 | Ҳама | – | – | Ҳама | (3) |
| Сенарияи 4 | – | – | – | Ҳама | Ҳама |
| Сенарияи N | … | … | … | … | … |

| Агар $RDIFR_{min}$ = 80 млн. | ТАҚХ хурд (26) | ТАҚХ миёна (2) | ТАҚХ калон: (1) | Бонкҳои хурд (6) | Бонкҳои миёна (4) |
|---|---|---|---|---|---|
| Сенарияи 1 | Ҳама | – | – | Ҳама | Ҳама |
| Сенарияи 2 | Ҳама | Ҳама | – | Ҳама | (1) |
| Сенарияи 3 | (1) | (1) | | Ҳама | Ҳама |
| Сенарияи 4 | Ҳама | Ҳама | – | – | (2) |
| Сенарияи N | … | … | … | … | … |